**Тақриз**

*ба автореферати диссертатсияи* **Асламов Бахтовар Раҷабалиевич**
*дар мавзуи «***Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ***», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илми география) пешниҳод карда шудааст.*

Дар асоси таҳқиқоти махсуси муҳандисӣ–геологӣ ва геоэкологии гузаронидашуда дар минтақаи Кӯлоб, бинобар сабаби шароити ғайримуқаррарии гидрометеорологӣ микдори зиёди хавфҳои геоэкологии табиӣ, аз қабили ярчфаройӣ, селоӣ, чаппашавӣ, эрозияи заминҳо, ботлоқшавӣ, фурӯнишинӣ, ғорпайдошавӣ, лойғуншавӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуданд, ки оқибати ин хавфҳо ба маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои автомобилгард ва дигар иншооти ҳаётан муҳим таҳдиди ҷиддӣ ба миён меоранд.

Системаҳои обёрӣ дар баъзе минтақаҳо корношоям гашта, чандин маҳалли аҳолинишин хароб, инчунин талафоти ҷонии одамон ба қайд гирифта шуданд.

Аз ин лиҳоз дар арзёбии ҳолати экологии минтақа талаботи мақсаднок яъне омӯзиши мухтасари хавфҳои табиӣ ва техногенӣ ва таснифи онҳо бо мақсади нигоҳ доштани инфрасохторҳо ва аҳолӣ аз хатарҳо мавҷуд аст. Ин ҳама аз актуалӣ будани таҳқиқоти гузаронидашуда шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои кори автореферати диссертатсионӣ метавонанд аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, аграрӣ ва географӣ дар вақти баргузории лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораториву амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

Албатта, роҳи асосии ин самт аз коркарди меъёрҳои самараноки ташкил ва гузаронидани ва тартиб додани нақша ва харитаҳои муҳандисӣ-геологӣ ва геоэкологии минтақа дар миқёсҳои гуногун имконияти омӯзиши сохтори геологии пастхамии Ёхсу, геоморфологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва типикунонии онҳо, таҳияи буриши геологӣ ва омӯзиши динамикаи лойғуншавии обанбори Селбур, усули коҳиш додани обполоишии зерқабати обанбори Селбур, истифода намудани сементкунонии фавворавӣ, барқарорсозии заминҳои вайроншудаи минтақа бо усули нави аз ҷониби муаллиф таҳияшуда. Ва пешниҳод гардидааст.

Аз ин лиҳоз, тадқиқоти диссертатсионии мавсуф актуалӣ буда он мустақилият, мазмуни амиқ ва хислати эҷодӣ дорад. Дар қисми назариявии кор муаллиф тамоми қоидаҳои илмии бунёдии назарияи рушди неруи инсонӣ, методҳои дар асоси таҳлили нақшаҳои рушди стратегии система заминагузоришуда, ба воситаҳои идоракунии сифат асос ёфта, ҷустуҷӯйи роҳҳои инноватсионии рушд, идоракунии лоиҳавӣ, таҳлили имкониятҳои навсозии система, банақшагирии барномавӣ-мақсаднок ташкил додаанд.

Дар муқаддима асоснокии мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва передмети омӯзиш, методология ва методҳои гузаронидани таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи автореферати диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якум **«ШАРҲИ АДАБИЁТ ВА ТАВСИФИ УМУМИИ ШАРОИТҲОИ ТАБИИИ МИНТАҚА»**

Омӯзиши омилҳои геоэкологии минтақа, фаъолияти техногенӣ ва паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологии ба онҳо алоқаманд, аз ибтидои асри XX аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мутахассисони муассисаҳои саноати кӯҳӣ-геологӣ ва лоиҳакашӣ оғоз гардидааст маълумтҳои зиёди илмӣ ва методологӣ пениҳод намудааст.

Дар боби дуюм **«МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ШАРОИТҲОИ ГЕОЭКОЛОГИИ МИНТАҚА»**

Барои аксари конҳои намак, сарбории асосии антропогенӣ бо ҷараёни обҳои дренажии хлориди натрийи баланд минерализатсияшуда аз партовгоҳҳои намак ва анборҳои маводҳои партовӣ ба обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ алоқаманд аст.

Вобаста ба ин, хусусиятҳои кӯчиш ва ҷамъшавии микроунсурҳо дар хокҳо, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ дар минтақаҳои коркарди конҳои калийдор таҳқиқоти иловагиро талаб мекунанд.

Тағйирёбии таркиби кимиёвии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, дар ҳудудҳо, ки аз партовҳои намак зарар дидаанд ва ландшафтҳо ба тағйир ёфтани таркиби намудии растанӣ, микробиология ва биотопҳои обӣ оварда мерасонанд.

Нановарии илмии таҳқиқоти рисолаи номзадӣ таҳия ва асоснокозии автореферати диссертатсия натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти муаллиф дарҷ гардидаанд. Муаллиф бевосита дар корҳои саҳроӣ, дар соҳаи муҳандисӣ–геологӣ, геоэкологӣ ва харитасозии минтақа иштирок кардааст. Аз ҷониби муаллиф харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ, қонунияти типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологӣ дар минтақаи Кӯлоб тартиб дода шудааст, мутобиқи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

ихтисоси 25.00.36 –геоэкология ва идоракунии сарватҳои табиӣ, фаслҳои: 8. Рушди устувори ҳудуд бо назардошти ғунҷоиши он, инчунин неруи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инсонӣ ва табиӣ.

Асламов Бахтовар Раҷабалиевич ҳангоми иҷроиши вазифаҳои рисолаи илмӣ худро ҳамчун як пажӯҳишгари мақсаднок, боистеъдод ва мустақил нишон дод. Вай бо сатҳи баланди зеҳнӣ, меҳнатдӯстӣ ва иртиботи олӣ фарқ мекунад. Дар асоси гуфтаҳои боло, Асламов Бахтовар Раҷабалиевич сазовори дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илми география) мебошад.

Мудири кафедраи география ва сайёҳии
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ н.и.г., Гадоев Ш.Д.

Имзои Гадоев Ш.Д- ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел. (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
Email: info@kgu.tj, somona@kgu.tj

«2» 09 соли 2025.